# АГЕНТИИ ОМОРИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

.

Бо Фармоиши Директори Агентии омори
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 28.04.2010. №12 тасдиқ карда шудааст

## ДАСТУРАМАЛ
## оиди пур кардани шакли ҳисоботи омории №4-сайёҳ (даромадҳо, хароҷотҳо)

### I. Қоидаҳои умумӣ

1.1. Шакли ҳисоботи давлатии омориро пешниҳод мекунанд:

- ашхоси ҳуқуқӣ ва қисмҳои алоҳидаи ҳамаи бахшҳои иқтисодии онҳо , новобаста аз шакли моликияташон.

1.2 .ҳисобот дар санаи 10 баъд аз давраи ҳисобот ба мақомоти омории дар маҳалли ҷойгирифта пешниҳод карда мешавад.

ҳисоботи шакли №4 сайёҳ(инт) бо ҷамъбасти афзоянда аз аввали сол барои семоҳаи 1, 6 моҳа, 9 моҳа, солона бо ҳазор доллари ИМА ва сомонӣ пур карда мешавад.

1.3 Нишондиҳандаҳои арзишии ташкилотҳои ҳисоботдиҳанда дар асоси қурби пул аз реи маълумоти Бонки Миллии Тоҷикистон лаҳзаи амалӣ намудани амалиёт ҳисоб карда мешавад.

- дар сатри «Ташкилоти ҳисоботдиҳанда» номи пурраи ташкилоти ҳисоботдиҳанда нишон дода мешавад.

1.4 Дар қисми чапи болоии варақаҳо суроға пур карда мешавад .

- дар сатри «Ба кӣ пешниҳод карда мешавад» суроғаи мақомоти омории вилоят, ноҳия, шаҳр нишон дода мешавад.
- дар сатри «Суроға» суроғаи пуштавии ташкилоти ҳисоботдиҳанда нишон дода мешавад.
- дар сатри «Шакли моликият» намуди моликияти ташкилоти ҳисоботдиҳанда (давлатӣ, кооперативӣ ва ғайра) нишон дода мешавад.

### II. Нишондод оид ба пур кардани шакл

2.1 ҳисобот оиди шакли №4-сайёҳ аз се фасл иборат аст:

I. Даромадҳо (мадохилот) ва хароҷот аз сайёҳии байналхалқӣ ;
II. Шумораи шаҳрвандони хориҷӣ, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овардаанд.
III. Шумораи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон,ки ба хориҷа сафар кардаанд.

**Даромадҳо (мадохилот) аз сайёҳони хориҷӣ** -ҳамчун хароҷоти сайёҳони ба давлате,ки ҷои сукунати доимии (шаҳрвандии) онҳо нест, бо мақсади истироҳат ( сайёҳӣ), корчалонӣ, шахсӣ ё дигар ташриф меоваранд, муайян карда мешаванд**.**

Даромадҳое,ки ба мамлакат аз омадани шаҳрвандони хориҷӣ ворид мешаванд аз пули нақд иборатанд:

-аз пардохти сайёҳони хориҷӣ,ки ба мамлакати ташрифоварда ба даст меояд;
-аз пешниҳоди хизматрасонии пулакӣ ба сайёҳони хориҷӣ ба мамлакати ташрифоварда;
-аз пешниҳоди ҳуҷра дар меҳмонхона, ҳотел(меҳмонхона), кемпинг (истироҳатгоҳ) ва дигар васоити сукунатӣ ;
-аз фурӯши молҳо;
-аз ҳамлу нақли байналхалқӣ.

Фаъолияти бештари соҳаҳои иқтисодиёт бо сайёҳи алоқаманд мебошанд, масалан фаъолияти меҳмонхонаҳо ва корхонаҳои ба онҳо монанд, ширкатҳои ҳавопаймоӣ ва агентиҳои сайёҳӣ, тарабхонаҳо ва мағозаҳои саҳотифурӯшӣ.

**Ба даромадҳои меҳмонхонаҳо дохил карда мешаванд:**

-хароҷоти сайёҳони хориҷӣ барои пардохти пули хуҷра ;

- даромад аз пешниҳоди хизмат оид ба таъмини ғизо бо хизматрасонии пурраи тарабхона;

-даромад аз истифодаи тарабхонаҳо, барҳо, толорҳои шабнишинӣ ,ташкил кардани зиёфатҳо, конфаронсҳо;

-пешниҳоди нақлиёт, фурӯши чиптаҳои театрӣ, тӯҳфаҳо ва дигар намудҳои хизматрасонӣ.

**Хароҷот оиди сайёҳии хориҷӣ** - ин маблағи умумии хароҷоти истеъмолӣ ба хориҷа рафтани шаҳрванди мамлакат бо мақсадҳои гуногун ва ба мӯҳлати на бештар аз як сол алоқаманд аст.

Хароҷоти сайёҳӣ вобаста ба он,ки оё ин хароҷот ҳангоми тайёрӣ ба сафар, дар рафти сафар ё баъд аз сайёҳат амалӣ шудаанд, ба се гурӯҳи калон тақсим карда мешаванд;

- хароҷоти пешакӣ, ки барои тайёрӣ ба саёҳат ва амалӣ кардани он заруранд

- хароҷоте,ки дар вақти сафар ва дар ҷойҳои ташрифоварда ба вуҷуд меоянд;

- хароҷоте,ки баъди бозгашт аз сафари хориҷӣ ба мамлакати сафаркарда пардохта шудааст.

Хароҷоти сайёҳӣ унсурҳои зиёди истеъмолот –аз харидани роҳхати сайёҳӣ то молҳои истеъмолӣ ва хизатрасониро дар бар мегиранд.

Аз категорияҳои хароҷоти сайёҳӣ ё харид хориҷ кардан зарур аст:

-харид барои мақсадҳои тиҷоратӣ

-маблағгузорӣ ё қарордодҳо,ки аз тарафи сайёҳон амалӣ мешаванд ва масалан ба замин, хонаи истиқоматӣ, амволи ғайриманқул, асарҳои санъатӣ ва ба дигар харидҳои аҳамиятнок дахл доранд.

- пулҳои накд,ки хешовандон ва шиносон дар вақти сайёҳат барои истироҳат додаанд ба ягон намуди пардохти молҳои сайёҳӣ ё хизматрасонӣ дохил карда намешаванд;

-пардохтҳои хайрхоҳона;

Дар **фасли II**-и ҳисоботи шакли № 4-сайёҳ **шумораи шаҳрвандони хориҷии ба Тоҷикистон ташрифоварда** нишон дода мешавад. Дар ин фасл ба ташкилотҳои ҳисоботдиҳанда зарур аст,ки шумораи хориҷиёне,ки ба мамлакате ташриф овардаанду вале ҷои сукунати доимиашон нест , нишон диҳанд

.Мӯҳлати истиқомати шаҳрвандони хориҷӣ дар мамлакат набояд аз 12 моҳ зиёд бошад ва мақсади асосӣ набояд бо фаъолияте машғул бошад, ки аз тарафи давлати ба вай ташрифоварда пардохта шавад.

Бо мақсадҳое,ки шаҳрвандони хориҷӣ дар мамлакати дигар сайёҳат мекунанд, ба категорияҳои зерин тасниф мешаванд:

**-хизматӣ**: ширкат дар кори конфоронс, конгресс, ярмарка, намоишгоҳ, баромад бо лексияҳо, харид ва фурӯши маҳсулот, сафари хизматӣ ва ғайра**;**

**-сайёҳат**: дидани ҷойҳои диққатангез, чорабиниҳои фарҳангӣ, мусофират, кӯҳнавардӣ, истироҳат ва ғайра**;**

**-шахсӣ:** аёдати хешовандон ва шиносон, муолиҷа, ҳаҷ ,ширкат дар чорабиниҳои мазҳабӣ,иштирок дар маъракаи дафн,сафар бо мақсади табрикот ва ғайра;

**-транзит:** шаҳрвандони хориҷӣ (сайёҳон),ки ба таври транзитӣ ба воситаи мамлакате мусофират мекунанд ва ба воситаи маҳалли назорати шиноснома, ҳуқуқ доранд муваққатан аз якчанд соат то якчанд рӯз дар кишвар бимонанд. Сайёҳони транзитӣ ,ки расман аз маҳаллҳои назорати шиноснома ба мамлакат ворид намешаванд ба шумораи ташриф овардагон набояд дохил карда шаванд.

**-кормандони хизматрасони воситаи нақлиёт** :инҳо аъзоёни гурӯҳи идоракунандаи нақлиёти ҳавоӣ, баҳрӣ, ронандагони автобус ,ронанда ва роҳбаладони қаторахо, кормандони пушта ва ғайраҳо мебошанд.

Ба шумораи шаҳрвандони хориҷӣ,ки ба мамлакати дигар ташриф меоварвнд, набояд ҳамроҳ карда шаванд: дипломатҳо, кормандони консулӣ, низомиён ва ғайра,ки мақсадашон иҷрои коре,ки дар мамлакати ташрифоварда пардохта шаванда бошад, муҳохирон, гурезагон, кечманчиён, ашхосе,ки дар назди сарҳади дигар мамлакат сукунат доранду дар мамлакати дигар кор мекунанд, мусофирони транзитӣ, ки ба воситаи маҳаллҳои назорати шиноснома ба мамлакат сафар намекунанд.

**Фасли III шумораи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба хориҷа сафар кардаанд**, шумораи шаҳрвандони ба ҳудуди дигар мамлакат сафаркардаро, ки ҷои сукунати доимии (шаҳрвандии) онҳо намебошад, инъикос мекунад**.** Мӯҳлати истиқомати шаҳрвандоне,ки ба мамлакати дигар сафар мекунанд, набояд аз 12 моҳ зиёд бошад ва мақсади асосии сафар набояд фаъолияти пардохтшаванда аз тарафи давлати ташрифоварда бошад.

Мақсадҳое,ки шаҳрвандони мамлакат ба хориҷа сафар мекунанд ба категорияҳои зерин тасниф мешаванд:

**- хизматӣ**: ширкат дар кори конфоронс, конгресс, ярмарка,намоишгоҳ, баромад бо лексияҳо, харид ва фурӯши маҳсулот, сафари хизматӣ ва ғайра;

**- сайёҳат:** дидани ҷойҳои диққатангез, чорабиниҳои фарҳангӣ, мусофират, кӯҳнавардӣ, истироҳат ва ғайра;

**-шахсӣ:** аёдати хешовандон ва шиносон, муолиҷа, ҳаҷ, ширкат дар чорабиниҳои мазҳабӣ, иштирок дар маъракаи дафн, сафар бо мақсади табрикот ва ғайра;

**-транзит**: шаҳрвандони хориҷӣ (сайёҳон),ки ба таври транзитӣ ба воситаи мамлакате мусофират мекунанд ва ба воситаи маҳалли назорати шиноснома ҳуқуқ доранд муваққатан аз якчанд соат то якчанд рӯз дар кишвар бимонанд, сайёҳони транзитӣ, ки расман ба воситаи маҳаллҳои назорати шиноснома ба мамлакат ворид намешаванд ба шумораи ташрифовардагон набояд дохил карда шаванд.

**-кормандони хизматрасонии воситаи нақлиёт**: инҳо аъзоёни гурӯҳи идоракунандаи нақлиёти ҳавоӣ, баҳрӣ, ронандагони автобус, ронанда ва роҳбаладони қаторахо, кормандони пушта ва ғайраҳо мебошанд.

Ба шумораи шаҳрвандони хориҷӣ,ки ба мамлакати дигар ташриф овардаанд, набояд ҳамроҳ карда шаванд: дипломатҳо, кормандони консулӣ, низомиён ва ғайра,ки мақсадашон кори дар мамлакати ташрифоварда пардохтшаванда бошад, муҳоҷирон, гурезагон, кӯчманчиён, ашхосе,ки дар назди сарҳади дигар мамлаат сукунат доранду дар мамлакати дигар кор мекунанд, мусофирони транзитӣ, ба воситаи маҳаллҳои назорати шиноснома ба мамлакат сафар накардаанд.

Ба шумораи шаҳрвандони мамлакат,ки ба хориҷа сафар мекунанд, кормандони дипломатӣ, кормандони консулӣ, низомиён ва ғайра, ки мақсадашон ба кори пардохташаванда ташриф овардаанд, муҳоҷирон, гурезагон, ашхосе, ки дар ноҳияи сарҳад сукунат доранду дар давлати дигар кор мекунанд, набояд дохил карда шаванд.

Ҳисоботи тартиб додашударо роҳбари ташкилоти ҳисоботдиҳанда имзо мекунад, поёнтар ном, насаб ва рақами телефони иҷрокунандаи ҳисобот нишон дода мешавад.

Барои дурустии маълумот ва риояи мӯҳлати пешниҳоди ҳисобот роҳбари ташкилоти ҳисоботдиҳанда ҷавобгар аст.